# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «3» майи соли 2021 № 145/ди. ш. Душанбе

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504), Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.КОА – 004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Тоҷиддинова Зебохон Сангиновна дар мавзӯи «Роль антимонопольной политики в развитии экономики Республики Таджикистан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ: назарияи умумии иқтисодӣ, бинобар риоя нагардидани банди 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505), қарори Раёсати Комиссия аз 25 феврали соли 2021, №2 ва Дастурамал оид ба санҷиши дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферат аз рӯйи барномаи компютерии «Антиплагиат» (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2019, №9) бекор карда шавад.

2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Тоҷиддинова Зебохон Сангиновна рад карда шавад.

3. Ҳимояи такрории диссертатсияи Тоҷиддинова Зебохон Сангиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.

4. Раис, муовини раис ва котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ огоҳонида шаванд.

5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: протоколи Комиссияи санҷиши асолати матни диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2021, №1.

Раис Розиқзода А.